**Тақриз**

**ба фишурдаи диссертатсияи Ҷӯраев Хайём Акрамович дар мавзӯи «Таҳлили муқоисавии сохторӣ-маъноии истилоҳоти адабиётшиносӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмхои филология аз руйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, типологӣ ва муқоисавӣ**

Адабиёт ҷузъи ҷудонашавандаи таркибии осори фарҳангии ҳар халқу миллат ба шумор рафта, реша дар қаъри таърихи халқҳои тоҷику англис дорад. Аз ин рӯ, таҳкику баррасии пахлӯҳои мухталифи адабиёту адабиётшиносӣ ҳамчун мероси гузаштагон барои ташаккул ва таҳаввули ин соҳа ба гунаи неку мусоид хоҳад намуд. Пажӯҳишот нишон медиҳанд, ки дар забоншиносии муқобилаӣ таваҷҷӯҳ ба таҳқиқи истилоҳоти соҳаҳои мухталиф тамоюли афзоиш дорад ва дар ин раванд истилоҳоти адабиётшиносӣ дар канор нестанд.

Таҳқиқоти диссертатсионие, ки Ҷӯраев Х. А. оид ба сохтор ва маънои истилоҳоти адабиётшиносӣ ба анҷом расонидааст, барои мукаммалтар гардидани усулҳои истилоҳсозии забонҳои тоҷикиву англисӣ кумак менамояд. Муҳаққиқ хуб дарк намудааст, ки дар шароити ҷаҳонишавӣ омӯзишу таҳқиқи истилоҳоти адабиётшиносии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ зарур ва муҳим аст.

Маводи диссертатсияро рисолаҳои адабиётшиносӣ ва осори илмию адабии гузаштагони мардумони тоҷику англис, ки бевосита ба илму адаб эҳтироми хоса доранд, ташкил додааст.

Диссертатсияи Ҷӯраев Х. А. аз муқаддима, се боб, хулоса, феҳристи адабиёти истифодашуда ва замима иборат аст.

**Боби якуми рисола, ки** «Асосҳои назариявии таҳқиқи истилоҳоти адабиётшиносӣ дар забоншиносӣ» ном дорад, дар он масоили назарии истилоҳшиносӣ, марҳилаҳои инкишофи истилоҳоти адабиётшиносии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ таҳқиқу баррасии илмӣ шудаанд.

Бояд таъкид кард, ки муаллифи рисола моро дар боби мазкур бо сарчашмаҳои ташаккули истилоҳоти адабиётшиносии тоҷику англис ошно месозад. Муаллиф он фарҳангҳои адабиётшиносие, ки то ин замон тадвин гардидаанд, мавриди баррасӣ қарор дода, маълумоти омории мушаххасе низ

пешниҳод мекунад, ки ин тарзи натиҷагирӣ дар рисолаҳои солҳои охир кам ба чашм мерасад.

Боби дуюми диссертатсия **«Таснифот ва таҳлили сохтории истилоҳоти адабиётшиносӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ»** унвонгузорӣ шуда, дар зербобҳои он истилоҳоти адабиётшиносии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ аз лиҳози баромад ва маншаи калимагӣ таҳқиқ гардидаанд. Муҳаққиқ ҳамаи истилоҳоти ғункардаи худро дар қолаби усулҳои маъмули калимасозӣ таҳлил менамояд.

Илова бар ин, муаллиф нақши унсурҳои калимасозро дар созмони истилоҳоти адабиёшиносии забонҳои фавқ мушаххас менамояд. Ба андешаи муаллифи диссертация нақши усули калимсаозии сарфӣ дар қиёс бо дигар қолабҳои калимасозӣ назаррас аст. Боиси хурсандӣ аст, ки муаллиф ба таҳлили баромади бархе аз унсурҳои калимасозӣ забонҳои таҳқиқшаванда даст задаст, ки ин ҳам бошад ба ҳусну қубҳи рисола арзиши баланде зам мекунад.

Боби сеюми диссертатсияи **«Таҳлили луғавӣ-маъноии истилоҳоти адабиётшиносӣ дар забонҳои тоҷикӣ»** ном дошта дар ин боб вижагиҳои луғавӣ ва маъноии истилоҳоти адабиётшиносии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ таҳлилу баррасии линвистӣ ёфтаанд. Ба падидаҳои омонимӣ, сермаъноӣ, муродифӣ ва тазодӣ дучор гардидани истилоҳоти соҳаи фавқ низ дар ин боби рисола таҳқиқ мегарданд. Яке аз зербоҳои боби мазкур ба масоили иқтибосшавии истилоҳоти адабиётшиносӣ бахшида шудааст, ки аз дидгоҳи муаллиф қисми зиёди истилоҳоти адабиётшиносии тоҷикиро истилоҳоти арабӣ ва русӣ ва истилоҳоти адабиётшиносии англисиро истилоҳоти лотинӣ, юнонӣ, италявӣ, фаронсавӣ ва олмонӣ созмон медиҳанд.

Дар **хулоса** муҳаққиқ андешахои худро бо далелҳо ҷамъбаст намудааст.

Фишурдаи диссертатсия дар асоси талаботҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таълиф гардидааст. Забони фишурдаи мазкур фасеҳу равон буда, натиҷаи пажӯҳиши муаллифро инъикос мекунад.

Мавриди зикр аст, ки дар фишурдаи Ҷӯраев Хайём Акрамович дар баробари дастовардҳо баъзе ғалатҳо роҳ ёфтаанд, ки қайд намудани онҳоро зарур мехисобем:

1. Дар зербоби сеюми боби якуми рисола «Сарчашмаҳои ташаккули истилоҳоти адабиётшиносии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» муаллиф бештар ба сарчашмаҳо ва манбаъҳои тоҷикӣ назар афкандааст, аммо дар таносуб ба

сарчашмаҳои англисӣ муҳаққиқ кам таваҷҷуҳ намудааст. Дар раванди таҳқиқ муаллиф ба се фарҳанги мукаммали адабиётшиносии англис таваҷҷуҳ намудааст.

2. Дар баъзе аз саҳифаҳои фишурдаи диссретатсия (саҳ. 6, 9, 10, 12) ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ ба чашм мерасад.

Дар баробари ин, ғалатҳои мазкур арзиши илмӣ ва дастоварди диссертатсияро намекоҳонад ва зудислоҳшаванда ҳастанд.

Дар асоси баррасиҳои боло метавон хулоса намуд, ки дисертатсияи Ҷӯраев Х. А. бо номи «Таҳлили муқоисавии сохторӣ-маъноии истилоҳоти адабиётшиносӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» таҳқиқоти ба анҷомрасида мебошад ва фишурдаи он муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос мекунад. Таълифоти муаллифи рисола ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумхурии Тоҷикистон ҷавобгӯй аст.

Муаллифи диссертатсия – Ҷӯраев Хайём Акрамович бо ҳимояи тадқиқоти мазкур барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз руйи ихтисоси 10.02.22- Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, типологӣ ва муқоисавӣ арзанда мебошад.

Доктори илмҳои филологӣ,
профессори кафедраи забони
тоҷикии Донишгоҳи
давлатии ҳуқуқ,
бизнес ва сиёсати Тоҷикистон Шокиров Туғрал Сироҷович

Адрес: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд,
12 –ум микр., б. 36, ҳуҷ. 3
Тел.: (+992) 918639965; mail.ru: shorirov1950@mai.ru

Имзои Т. Шокировро тасдиқ мекунам.
Сардори раёсати кадрҳои
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес
ва сиёсати Тоҷикистон П. С. Саидов

ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ҲУҚУҚ, БИЗНЕС ВА СИЁСАТИ ТОҶИКИСТОН
ШӮЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

13. 05. 2019